**УДК 658.56**

# НАРХ ВА НАРХГУЗОРӢ ЯКЕ АЗ МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ ҲАВАСМАНДКУНОНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

**Қурбонова Ф.К. – ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калидвожаҳо:*** *нарх, нархгузорӣ, соҳаи кишоварзӣ, бозор, маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ.*

Нарх ин омили муайянкунандаи механизми бозорӣ ба шумор меравад. Вай ба ташкили вазъи иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Нархи бозории маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун, ки ҳолати мувофиқат ба бозорро муайян мекунад, муқаррар карда мешавад.

Бозор дар шароити муосир ин соҳаест, ки дар он рушди истеҳсолот ва талаботи эҳтиёҷот ва пешниҳод ошкор мешаванд. Фақат дар бозор имконияти истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда дар муайянкунии сифат, баҳои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва шароитҳои фурӯш пайдо мешавад. Дар натиҷа нарх ба вуҷуд меояд. Бозор нархро муайян мекунад, ки бояд талабот ва пешниҳод бо ҳам мувофиқ бошанд.

Ташаккулёбии нарх дар соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ бакуллӣ фарқ менамояд. Ташаккулёбии нарх дар соҳаи кишоварзӣ чунин муайян карда мешавад:

якум, гуногунӣ дар намудҳои хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ;

дуюм, табиати худи истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва амалкунии он дар захираи заминҳои сифаташ гуногун.

Дар ин шароит сатҳи хароҷоти меҳнат ва ҳосилнокии меҳнат бевосита бо омилҳои табиӣ алоқаманд аст.

Нархи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар асоси хароҷотҳои ҷамъиятӣ – зарурии меҳнат дар заминҳои ҳосилнокиашон паст муайян карда мешавад. Раванди меҳнат дар ин соҳа бо истифодаи заминҳои сифаташ гуногун алоқаманд аст. Замин ҳамчун воситаи асосӣ буда, аз дигар воситаҳои истеҳсолот бо чунин хусусиятҳои муҳим фарқ мекунад:

якум, замин бо меҳнати одам бунёд карда намешавад;

дуюм, он маҳдуд аст;

сеюм, вай бо дигар воситаҳои истеҳсолот иваз карда намешавад.

чорум, агар онро дуруст истифода намоем, вай метавонад ҳосилнокии гумкардаро барқарор созад ва сатҳи онро баланд бардорад [1. с. 24].

Ба сохтори нарх ба ғайр аз арзиши аслии маҳсулот боз меъёри муайяни фоида ва даромадҳои рентавӣ дохил мешавад. Муайянкунии андозаи рентаи дифференсиалӣ яке аз масъалаҳои муҳими ташаккули нарх барои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Ба сатҳи нарх ва ташаккулёбии он омилҳои дигар ба монанди андоз, қарз ва сармоя, ки онҳо дар ҳавасмандкунии корхонаҳои кишоварзӣ нақши калонро мебозанд, таъсир мерасонанд.

Тамоюли номусоиде, ки дар соҳаи кишоварзӣ дар аввали солҳои 90-уми қарни XX ба вуҷуд омад, таъсири худро ҳангоми ивазнамоии байнисоҳавии қисми даромади характери рентавӣ доштаро ба манфиати ташкилотҳои ҷамъкунандаи (заготовительных) КАС ва соҳаҳои коркарди саноат меорад, мерасонад ва он маънои талафотро дорад. Ин дар он ҳолате ба вуҷуд меояд, ки сатҳи нархи миёнаи фурӯши ҳамаи миқдори маҳсулоти кишоварзӣ, ки истеҳсол шудааст, таъмин намекунад. Дар натиҷаи воридкунии ашёи хоми кишоварзӣ бо нархи нишондодашуда ба коркард, табиатан, арзиши аслии маҳсулотҳои тайёр (коркардкардашуда) паст мешавад.

Муайян намудани масъалаи бозтақсими рентаи замин дар марҳилаи ивази байнисоҳавӣ пешниҳод менамояд, ки муносибати байниҳамдигарии соҳаи саноат, ки соҳаи кишоварзиро бо воситаи истеҳсолот таъмин намуда, хизматрасонии истеҳсолӣ – техникиро иҷро менамояд ба инобат гирифта шавад.

Ба ақидаи В. Алферев: - «Таносуби нарх ба маҳсулоти кишоварзӣ ва таъминкунандагони он бо воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ омилҳои муҳиме, ки ба ташаккулёбии бозори захираҳо таъсир мерасонанд» ба шумор меравад [2. с. 52].

Мувофиқи маълумотҳои корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» дар соли 2017 нархи техникаю таҷҳизот, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, қувваи барқ назар ба нархи маҳсулотҳои кишоварзӣ хеле баланд гардидааст. Масалан, нархи хариди техникаи кишоварзӣ барои корхонаҳои гуногуни кишоварзӣ дар соли 2017 чунин аст: трактори МТЗ 80 Х2М – 330050 сомонӣ, Т28Х4М – 198030 сомонӣ, ДТ -75М -330050 сомонӣ, Т4А – 330050 сомонӣ, комбайни ғалладаравӣ СКДОН – 707250 сомонӣ, ядакҳои тракторӣ – Т2ПТС – 4793 – 56580 сомонӣ, испори трактор ПЛН – 435 – 12259 сомонӣ, тухмипошаки пахта -56580 сомонӣ, тухмпошаки ғалла – СЗ, СЗН- 66010 сомонӣ, мошинҳои хӯроки чорво ва силосғундор – 113160 сомонӣ, тойбанду тагрез ПСБ – 113160 сомонӣ, картошкашинонак – 51865 сомонӣ, картошкаканак – 37720 сомонӣ мебошад.

Номутаносибии нархӣ ба афзоиши баланди хароҷот барои харид ва истифодаи захираҳои моддӣ – техникӣ ба баландшавии нархи маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонида, самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро паст мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ба такмилдиҳии фаврӣ муҳтоҷ мебошад. Нархҳои бозоргонӣ бояд таъмини хароҷотҳо оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин фоидаи ба қадри кифояро барои васеъкунии истеҳсолотро таъмин намояд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҳангоми дида баромадани масъалаҳои нарх ва нархгузорӣ зарур аст, ки мубодилаи мусовӣ байни соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба назар гирифта шавад.

Дар замони имрӯза ин мубодилаи  байни ин соҳаҳо мусовӣ намебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ дар индексиронии ҳамаи намудҳои нарх  муҳтоҷ аст.

Дар иқтисоди намунавии бозоргонӣ нархҳои пешгӯикунанда истифода мешавад, ки он дар асоси бизнес – лоиҳа, бизнес - нақша, нақшаи рушди корхонаҳои кишоварзӣ, нақша – пешбиниҳои индикитавии давлатӣ тартиб дода мешавад.  Бисёр вақт намуди нархҳо аз рӯи намуди бозор, ки дар он ҷо ба вуҷуд меоянд, муайян карда мешавад. Аз рӯи ин аломат нархҳоро ба биржавӣ, музоядӣ ва комиссиёнӣ ҷудо менамоянд. Мавҷуд будани нархҳои гуногун ба маҳсулотҳои  якхелаи кишоварзӣ  дар давлатҳои гуногун зарурати истифодаи нархҳои ҷаҳонӣ, яъне нархи бозори ҷаҳонӣ  оварда мерасонад.

Нархҳои  ҷаҳонӣ ин нархҳои воқеии амалкунанда ба бозори умумиҷаҳонӣ ба маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ мебошанд. Нархҳои ҷаҳонӣ одатан бо табдилпазирии озоди  асъор  ҳисоб карда мешаванд. Аз рӯи тадбири ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархҳо дар бозорҳо тамоюли наздикшавӣ ба ҷаҳониро соҳиб шуданд.

Механизми нархгузорӣ аз як тараф алоқаи байни нарх ва омили нархбавуҷудоваранда ва аз дигар тараф усули муқарраркунии нархҳо, технологияи раванди тавлид ва кор кардани он, дигаргунӣ дар вақт мебошад.

Омилҳои иқтисодии механизми рентавӣ аҳамияти  тағиирёбанда доранд, соҳиби мутаҳарриканд, ки вазъияти ивазшаванда дар низоми муносибатҳои бозоргонӣ, вазъи воқеӣ дар бозор шарт аст. Нақшаи муайянкунандаро дар маҷмӯи ҳамаи омилҳо ва асбобҳои аниқи муқарраркунӣ ва тақсимкунии рентаи замин механизми нархӣ бозӣ мекунанд.

Барои ҳамин саволе оид ба принсипи  муқарракунии нарх ба маҳсулотҳои кишоварзӣ бо ҳисоби аз як тараф хосияти воқеии амалиёти омилҳои табиии рента ба вуҷудоваранда ва аз дигар тараф, рушди қонунияти умумии иқтисоди бозоргонӣ ба миён меояд.

Дар шароити амалкунандаи иқтисоди бозоргонӣ бо ёрии нарх мукаммалкунии фишанги ҳавасмандгардонӣ дар соҳаҳои тақсимотӣ дар он ҳолате амалӣ мегардад, ки агар ченкунии ҳиссаи ҳар як корхонаи  кишоварзӣ ё соҳа дар ташкили даромади миллӣ бо нишондодҳои арзишӣ имконпазир бошад.

Чи хеле ки маълум аст,  асоси арзиш  ин хароҷотҳои ҷамъиятии зарур барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин таваҷҷуҳи иқтисодчиён барои тадқиқоти ҳисобии арзиши истеъмолӣ, фоиданокии маҳсулоти кишоварзӣ дар нархгузорӣ бисёр афзуда истодааст. Раванди нархгузорӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бо қонуни талабот ва пешниҳод зич алоқаманд аст. Ин қонун алоқаи дутарафаи миқдорӣ байни нарх ва талабот, инчунин байни нарх ва пешниҳодро ифода мекунад. Ин қонунҳоро агар аз худ намоем, нархҳо ва даромадҳоро ба танзим даровардан мумкин аст, ки имрӯз дар бисёр давлатҳо инро амалӣ намуда истодаанд.

Яке аз  талаботи аввалин ва муҳим, ки ба нархгузорӣ пешниҳод карда мешавад баҳисобгирии пайдарпайи нархҳо дар хароҷотҳои ҷамъиятӣ – зарурии меҳнат мебошад.

Дар ин ҷо саволе ба миён  меояд, ки  кадоме аз  хароҷотҳоро ҷамъиятӣ – зарурӣ  ҳисоб намудан мумкин аст. Барои ин на танҳо ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ бо хароҷотҳо балки бо  эҳтиёҷ ва қобилияти харидории истеъмолкунандагони потенсиалӣ муқоиса намудан мумкин аст. Дар баробари ин якчанд вариантҳои дигари эҳтимолии қонеъгардонии талаботҳои ҳақиқӣ бо маҳсулоти гуногуни кишоварзиро ба назар гирифтан зарур аст. Инчунин омилҳои дигар ба монанди шароитҳои иқлимӣ ва боду ҳаво, мавсими сол, хусусиятҳои миллӣ ва ғайраҳоро бояд ба назар гирифт. Дар ҳар ҳолати аниқ омили муайян метавонад аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад. Дар баъзе ҳолатҳо омили дуюмдараҷа метавонад асосӣ шавад ва асосӣ ба нақшаи дуюм гузарад. Ҳамаи ин   алоқамандиҳои мураккаб имконияти ҳисоби аниқи хароҷотҳои ҷамъиятӣ – зарурии меҳнатро таъмин намекунад, ҳатто дар ҳолате ки барои ҳалли он  МЭҲ-и муосир истифода бурда мешавад. Ҳисоби аниқи хароҷоти ҷамъиятӣ – зарурии меҳнат  танҳо ба туфайли бозори молҳо ва хизматрасониҳо имконпазир аст.

Бояд  қайд намоем, ки дар бисёр ҳолатҳо сатҳи хароҷот дар корхонаҳои  кишоварзие, ки маҳсулоти якхелаи кишоварзӣ  истеҳсол мекунанд гуногунанд. Ин пеш аз ҳама бо шароити воқеӣ соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст. Омили табиӣ ба сатҳи хароҷотҳо дар хоҷагиҳо таъсири калон мерасонад. Мувофиқи шароити иқтисоди бозоргонӣ дар бозори кишоварзӣ нархҳо аз рӯи хароҷотҳои пайвасткунанда(замыкающим) муайян карда мешаванд. Хароҷотҳои пайвасткунанда ин хароҷотҳои истеҳсолот нисбатан ба заминҳои  сифаташ паст дар сатҳи меъёри хоҷагидорӣ буда, вай инчунин хароҷоти ҷамъиятӣ – зарурӣ  мебошад.

Дар шароитҳои иқтисоди мутамарказ – нақшавӣ дар муддати якчанд   солҳои  муҳокимаи илмии масъалаи рентаи замин саволи давравӣ  дар бораи он, ки дар соҳаи кишоварзӣ асоси нарх хароҷотҳои истеҳсолот дар заминҳои сифаташ миёна ба шумор меравад, ба вуҷуд меомад. Дар ин ҳолат хоҷагиҳое, ки заминҳои сифаташ хубро истифода мебаранд, рентаи дифференсиалӣ ва инчунин монополиро мегиранд, аммо барои хоҷагиҳои бо заминҳои сифаташ паст кор мекунанд ин вазъияти иқтисодӣ ҳавасмандкунии интенсификатсиякунониро ба вуҷуд меовард, ки вай ба гирифтани рентаи дифференсиалии 2 ҳавасманд мегардад. Дар ин ҳолат хоҷагиҳои кишоварзӣ дар шароитҳои нобаробари ибтидоии иқтисодии қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар давраи  иқтисоди бозоргонӣ низоми заминдории муҳднок амал мекунад, ки вай бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошад:

• бояд ҳавасмандӣ оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои заминӣ ташкил карда шавад;

• истеҳсолкунандагони кишоварзиро нисбатан бо имкониятҳои баробар барои ташкили такрористеҳсоли васеъшуда таъмин намудан зарур аст;

• шароит барои барқарорсозии  заминҳои вайроншуда, баланд бардоштани сифати хок ташкил карда шавад.

Барои амалӣ намудани ин талаботҳо зарур аст, ки аккумулятсияи қисми маҳсулоти кишоварзии иловагӣ, ки аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсол карда мешаванд ва он дар дасти давлат ҳамчун соҳибмулки замин мебошад ва онро байни соҳаҳо азнавтақсимкунии гузаронида шавад.

Масъалаи нарх ва нархгузорӣ яке аз механизмҳои асосии иқтисодӣ буда, ташкили мувозии он бо соҳаи саноат ҳавасмандии корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамояд.

**Адабиёт:**


1. Абдалимов А., Қурбонов К.Ю. Выравнивание объективных условий использования различных категорий сельскохозяйственных земель / Душанбе: Ирфон, 2015г. - 136 с. - ISBN 978-99975-0-201-8.

2. Алферьев В. Рынок ресурсов для сельского хозяйства //АПК: Экономика, управление, 2007, № 10. - с. 55-57



**АННОТАЦИЯ**

**ЦЕНА И ЦЕНООБРАЗОВАНИЕ ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ МЕХАНИЗМОВ СТИМУЛИРОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ**

В статье рассмотрена проблемы цен и ценообразования в сельском хозяйстве. Автор утверждает что цена и ценообразование является одним из экономических механизмов, организация их и эквивалентного обмена со промышленностью обеспечивает стимулирования сельскохозяйственных предприятий.



ANNOTATION

**PRICE AND PRINTING ONE OF THE MAIN MECHANISM OF ENTREPRENEURS OF ENTERPRISES AGRICULTURE**

The article discusses the issue of pricing and pricing in agriculture. The author argues that pricing and pricing is one of the economic mechanisms, and its balanced arrangement with the industry provides incentives for agricultural enterprises.



***Keywords****: price, pricing, agriculture, market, agricultural products.*